*БАРОИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, СУЛҲУ ОРОМӢ, СУБОТИ СИЁСӢ, СОЗАНДАГИВУ ОБОДОНӢ, РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ ВА ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ!*

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

№ 18, (317),
26 сентябри соли 2018

► E-mail: hamrozi-khalq@mail.ru ● www.hhdtkhatlon.tj

НАШРИЯИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН




## САФАРИ ҲАЙАТИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН БА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ БОБАРОР БУД

8



ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИҲОИ «СОЗАНДАГОНИ ВАТАН» ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ 8



АҶИННАТЕППА ЁДГОРИИ БУЗУРГИ ТАЪРИХӢ ВА МАКОНИ ҶОЛИБИ САЙЁҲИСТ 3



ЭҲЁ ВА РУШДИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ АЗ МАҲАЛ САРЧАШМА МЕГИРАД 4



АКСИЯИ ҲИЗБИИ «МАКТАБ - ДАРГОҲИ МАЪРИФАТ» АМАЛӢ ГАРДИД 5




ПАЙМОНИ ЧОР НАҲЗАТӢ ВА ЛУХТАКБОЗИҲОИ СИЁСӢ! 7

# БА ДАРКИ ҶОМЕА РАСОНИДАНИ МОҲИЯТИ ХИЗМАТ ДАР САФИ АРТИШИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН МАКТАБИ ҶАСОРАТУ МАРДОНАГӢ ВА ОМИЛИ АСОСИИ НИГОҲ ДОШТАНИ СУЛҲУ СУБОТУ АМНИЯТИ КИШВАР



**Абдулло РАҲМОНЗОДА,**
**раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ**
**дар вилояти Хатлон**

Аслан ҳар як суханронӣ ё иқдому ташаббусе, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон анҷом медиҳанд, ҳадаф, маром, маънӣ ва моҳияти ватандӯстона дорад. Ватандӯстӣ низ дар тадбиқи амалҳои созанда ва ободкорӣ ба нафъи шукуфоии Ватан зоҳир мегардад.

Махсусан, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ яке аз ҳадафҳои олии Ҳукумат ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад.

Муҳим он аст, ки ватандӯстӣ набояд танҳо дар сухан бошад. Ватандӯстие, ки танҳо дар забон асту ба амали муайян воқеият пайдо накардааст, намоишкорӣ ва назарфиребист. Ба ин хотир Пешвои миллат таъкид доштанд, ки ватандӯстӣ набояд ҳусни ҳисоботӣ дошта бошад, он дар амал, на ин ки дар сухан пояи мустаҳкам пайдо менамояд.

Паҳлӯи дигари мавзӯъ ин аст, ки қабл аз анҷом додани ҳар амали ватандӯстона он бояд ба барнома, нақша ва заминаҳои устувори маънавӣ асос ёфта бошад. Яъне, ҳар нафаре кореро ба нафъи Ватан карданӣ бошад, нахуст аз ин ҳадаф ё нияти худ бо сухан марому мақсадашро ошкор мекунад. Табиист, ки сифати ватандӯстӣ нахуст дар сухан зоҳир мегардад. Вале агар он танҳо бо сухан маҳдуд гардаду дар қолаби амал идомаи мантиқӣ пайдо нанамояд, он гоҳ боиси эътимод ва қобили таваҷҷуҳу таҳсингӯӣ нахоҳад буд.

Дар ин миён ба боварӣ гуфтан мумкин, ки ватандӯстӣ аз ҳифзи марзу буми Ватан оғоз меёбад ва ин амал рисолати ҷавонмардии мо ба ҳисоб меравад. Ҷойи ифтихор ва шукргузорист, ки баъд аз ҳазор сол мо дигарбора соҳибватану соҳибистиқлол гардидем ва бо ибрат аз ин имтиҳони таърихӣ моро зарур аст дар ҳимояи Ватан ва ҳифзу таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ ҳамаҷониба кӯшиш намоем.

Дар хотир бояд дошта, бошем, ки тақдири миллат, ободиву осудагӣ ва ҳифзи ин марзу бум аз ҳар як сокини кишвар, новобаста аз миллат, нажод ва эътиқоди динӣ вобастагии калон дошта, ҳар яки моро водор месозад то дар роҳи таъмини суботу амнияти он доимо талош варзем. Зеро ҳастии мо бо ҳастии Ватани маҳбубамон пайваст буда, нишоти рӯзгору зиндагии мо аз оромии кишвар маншаъ мегирад.

Дар робита ба ин бояд зикр намуд, ки яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдорӣ ва сипари боэътимоди ҳар як давлати соҳибистиқлол Қувваҳои мусаллаҳаш мебошад. Артиш василаи бузурги мудофиавӣ буда, ҳеҷ як давлат наметавонад бидуни он истиқлолияти комили худро таъмин намояд. Таҷрибаи ҳазорсолаи таърихи давлатҳои дунё собит кардааст, ки кишвари ба нерӯи ҳарбии хориҷӣ дар таъмини иқтидори мудофиавии худ такякунанда, бешубҳа ба шикаст рӯ ба рӯ мегардад.

Яке аз сабабҳои шикасти давлати Сомониён ҳам ҳамин буд. Бо ибрат аз ин дарси барои миллати тоҷик фоҷиабори таърих, Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди якуним соли ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ - дар марҳилаи ниҳоят вазнин ва ҳассоси таърихӣ, дар шароите таъсис дода шуд, ки бақои давлати мустақили тоҷикон таҳти хатари ҷиддӣ қарор дошт. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳамаи имкониятҳои мавҷударо ба хотири фароҳам овардани шароити мусоид ва муосир дар Қувваҳои мусаллаҳ равона карда, айни замон мушкилоти марбут ба шароит ва таъминоти моддии сохторҳои низомӣ асосан бартараф карда шуда, дар доираи ҳадафҳои созандагиву бунёдкорӣ сохтмон ва азнавсозии инфрасохтори қисмҳои низомӣ вусъат ёфта истодааст.

Аммо мутаассифона, чуноне ба назар мерасад, баъзан ҷавонон аз хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баҳонаҳои гуногун саркашӣ намуда, ё ба муҳоҷират мераванд, ё худро бемор ва ҳатто бемории рӯҳӣ вонамуд карда, дар қайди беморхонаҳои рӯҳӣ низ меистанд. Сабабгори ин рафтори нангин паёмади омилҳои муайяне мебошанд, ки чунинанд:

-Ба таври сунъӣ овозаҳои бардурӯғ ва дилсардкунанда паҳн сохта, дар зеҳни ҷомеа хизмати сарбозиро манфӣ бозтоб кардаанд. Дар сурате, ки ҷавони аз хизмат ба муҳоҷирати меҳнатӣ гурехта аз он ҷо бо бемориҳои гуногун, ҳатто бемориҳои сироятии маргбор баргашта меояд. Хизмати сарбозӣ бошад, дар солимии рӯҳиву ҷисмонии ҷавон таъсири мусбӣ мерасонад. Ҳар як ҷавони ба синни даъват расида бояд донад, ки имрӯз барои адои хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон тамоми шароитҳои моддиву маишӣ фароҳам оварда шуда, ҳамзамон кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ дар қисмҳои низомӣ таъмин мебошанд, ки барои омодасозии онҳо баҳри ҳимояи марзу бум, таъмини амният ва сулҳу суботи кишвар омодаанд;

-Аз тарафи баъзе волидон, дар роҳи ба хизмат рафтани фарзанд бо иддаои аз наздаш дур шудану аз меҳру муҳаббаташон кам гаштан монеа эҷод карда мешавад. Маҳз чунин волидон ҳатто омодаанд пардаи шарму ҳаёро аз рӯ кашида, бо тамоми овоз дар ҷаҳон эълон мекунанд, ки "фарзандамон (солим ҳам бошад) кару гунгу беақлу девона аст ва ӯро ба хизмат набаред". Ҳол он ки хизмат дар сафи Артиши миллӣ, баръакс, меҳру муҳаббати фарзандро нисбат ба падару модар боз ҳам бештар мекунад, ба онҳо дарси зиндагиву оини ҷавонмардӣ меомӯзонад ва ҷисмашон дар пайи машқҳои ҳарбӣ инкишофу обутоб меёбад;

-Такмилталаб будани низоми барӯйхатгирӣ ва системаи корбариву фаҳмондадиҳӣ бо сарбозони оянда;

-Ба мавсимҳо маҳдуд шудани корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ ва фаҳмондадиҳӣ. Яъне аксаран барои иҷрои нақшаи муайяншуда дар мавсимҳои баҳориву тирамоҳӣ тамоми қувваҳоро сафарбар карда, то мавсими дигар корбарӣ дар ин самт суст мегардад;

-Аз тарафи адибони мо ва аҳли санъату фарҳанг дар асарҳои бадеӣ бозтоб гардидани хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ. Аксар манзумаву асарҳои бадеӣ, ки ба мавзӯъи ватандӯстӣ бахшида шудаанд, бо нармии аз ҳад зиёди худ аслан хусусиятҳои ботинии меҳри як нафар зан-модарро нисбати Ватан ифода мекунанд ва дар онҳо ҷанбаҳои мардонагӣ ва ҳифзи Ватан камтар баён шудааст, то ҷавон бо хондани он мавсими навбатии даъватро бесаброна интизор шавад ва монанди он.

Бояд ба ҷавонон ин нукта фаҳмонида шавад, ки хизмат ба Ватан-Модар қарзи фарзандӣ ва имониву виҷдонии ҳар як ҷавонмарди бонангу номус буда, мактаби бузурги тарбияи ирода, ҷасорат, шуҷоат ва ватандорӣ ба ҳисоб меравад. Иҷрои ин қарз нишонаи камолоти инсонии ҳар як ҷавон мебошад. Дар маҷмӯъ мо бояд он қолабҳои кӯҳнаи шахшудаи фикриро дар бораи гурезонидани фарзандон аз хизмати ҳарбӣ шиканем ва онро ҳамчун мояи нангу номус баррасӣ карда, бо назардошти бартарафсозии омилҳои он падару модаронро ҷиҳати ташвиқи фарзандон барои хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи кишвар дилгарм созем.

Айни ҳол маҳорати ҷангӣ ва қобилияти касбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ қарор дошта, дар муқоиса бо солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ ба нерӯи тавоное табдил ёфтааст. Ҷавонони мо, ки ояндаи миллати сарбаландамон мебошанд, бояд донанд, ки ватандориву ватандӯстӣ, расидан ба қадри сарзамини аҷдодӣ ва ҳифзи осудагиву оромии он барои ҳар як фарзанди бонангу номуси миллат ҳам қарз ва ҳам фарз аст.

Дар даврони истиқлолият мардуми кишвар ба дарк ва шинохти масъулияти худ дар назди Ватан дуруст ва амиқ сарфаҳм рафтанд. Зеро истиқлолият ва таъмини пояҳои мавҷудияту ҳифзи муқаддасоти он сайъу талош ва азму ирода мехоҳад, ки аз ботини саршори ормонҳои ватанхоҳӣ берун меояд.

Бинобар ин, дар сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи ватандӯстӣ яке аз унсурҳои асосиро ташкил медиҳад. Аз ин хотир чандин барномаҳо дар самти тарбияи ҳарбӣ – ватанпарастӣ қабул гардид. Аз ин ҷост, ки ТҶҶ "Созандагони Ватан" бо баргузорнамоии чорабиниҳои гуногун, аз ҷумла ташкили вохӯриҳои ҷавонон дар қисмҳои ҳарбӣ ва шинос намудани онҳо ба вазъи буду боши онҳо, ташкили мизгирду конференсия ва дигар чорабиниҳои варзишӣ ва фарҳангиву сиёсӣ дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон саҳм мегузорад.

Дар ҳамин замина бахшҳои намояндагии Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" дар сатҳи Ҷумҳурӣ пешсафу ташаббускор мебошанд. Зеро ин ташкилот ҳамеша бо ҷавонон ва дар байни онҳо буда, робитаи наздикро бо ин қишри фаъол барқарор кардааст ва минбаъд бояд дар ин самт корҳои бештарро анҷом диҳад.

Дар ин самт идеали мо хизматҳои содиқонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ҳар як тадбир ва корнамоиву қаҳрамониҳои Пешвои миллат ба ҷавонони кишвар дарси шуҷоату мардонагӣ буда, дарки баланди инсондӯстӣ ва муносибати хуби одамгариро меомӯзонад. Дар ин раванд муаррифӣ ва тарғиби асарҳои эҷодкардаи Пешвои миллат барои аз худ намудани таърихи гузаштаву имрӯза, ворид шудани ҷавонон ба набзи ҳаёт, ояндабинии давлату миллат ва тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстии насл мусоидат менамояд.

Ҳар як ҷавони имрӯза хуб медонад, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Пас на танҳо дар забон, балки дар амал тамоми нерӯи худро ба он равона созем, ки дар кору пайкори ҳаррӯзаи худ пайравони воқеии Пешвои миллат бошем.

Набояд фаромӯш кард, ки Ватани азизи мо – Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун хонаи умеди тамоми тоҷикони ҷаҳон сарзаминест, ки аз он бӯи хоки ниёгон ба машом мерасад. Ин сарзаминест, ки зану фарзанду модару хоҳар ва додару дигар пайвандонамон зиндагӣ мекунанд. Сарзаминест, ки муҳофизати он на танҳо вазифаи муқаддаси шаҳрвандӣ, балки қарзи инсониву имонӣ ва виҷдониамон маҳсуб меёбад.

Ба хотири баланд бардоштани сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ миёни ҷавонон сохторҳои ҳизбӣ ва аҳли ҷомеа вазифадоранд, ки бо тамоми масъулият саҳм гузошта, чораҳои зеринро амалӣ намоянд:

-Ташкили чорабиниҳо оид ба абадӣ гардонидани номи муборизони роҳи Ватан аз тариқи бунёди муҷассамаҳо, ба номашон гузоштани мактабу деҳаву маҳаллаҳо ва ғайра;

-Ташкили аксияи "Сайри таърихӣ" ба осорхонаҳо, баргузор намудани вохӯрӣ бо собиқадорони ҷангу меҳнат ва дар ин замина омӯхтани дарси мардонагӣ;

-Дар арафаи истиқбол аз санаҳои муҳимми таърихӣ бо гулдаставу туҳфаҳо ба табрики собиқадорони ҷангу меҳнат фиристодани гурӯҳҳои ҷавонон, то шукӯҳу шаҳомат ва муҳтавои чунин чорабиниҳо боиси ҳавасмандии оммаи васеи ҷавонон гардад;

-Ташкили чорабиниҳои фарҳангии хусусияти ватандӯстидошта, бо ҷалби сохторҳои низомӣ ва таъмини иштироки васеи ҷавонон дар онҳо;

-Ба нашр расонидани китобҳо дар робита ба қаҳрамониву ҷоннисориҳои фарзандони содиқи Ватан дар солҳои соҳибистиқлолӣ;

-Ташкили филмномаҳо, барномаҳои махсуси театрӣ ва телевизионии ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ нигаронидашуда;

-Ташкили озмунҳои суруди беҳтарин, расми беҳтарин, варзишгари беҳтарин, ихтироъкору навовари беҳтарин ва монанди инҳо, ки хусусияти ҳарбӣ-ватандӯстӣ доранд;

-Ташкили вохӯрии пайвастаи ҷавонону наврасон бо сарбозону афсарон дар қисмҳои ҳарбӣ ва ғайра.

Бояд гуфт, дар шароити муосир хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ аз як тараф мактаби тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ҳифзи арзишҳои ватандорӣ, ҳимояву эҳтиром аз падару модар ва хоҳару бародар бошад, аз ҷониби дигар беҳтарин василаи пешгирӣ аз гаравидани фарзандони мо ба гуруҳҳои террористиву экстремистӣ ба ҳисоб меравад.

Бо чунин нуктаи назар дар ин ҷо метавон гуфт, ки тарбияи ҳарбӣ-ватандустӣ роҳи наҷоти миллат аз хатарҳои эҳтимолии замони муосир мебошад. Муҳимтарин силоҳ барои ҳар як ҷавону наврас, ки аз ҳидоятҳои падаронаи Пешвои миллат бармеояд, ифтихори миллӣ, зиракӣ ва ҳушёрии сиёсӣ мебошад. Мебояд имрӯз ҷавонони мо дар рӯҳияи садоқат ба Президент – садоқат ба Ватан, самимият ба Президент – самимият ба миллат ва арҷ гузоштан ба ташаббусҳои Президент – арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ тарбия карда шаванд.

БА МУНОСИБАТИ СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

# АҶИННАТЕППА ЁДГОРИИ БУЗУРГИ ТАЪРИХӢ ВА МАКОНИ ҶОЛИБИ САЙЁҲИСТ



Бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ва бунёди инфросохтори сайёҳӣ бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардид, ки таваҷҷуҳи мардумро ба минтақаҳои сайёҳии кишвар дучанд намуд. Ноҳияи Вахш ҳам дар қатори дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар дорои якчанд ёдгориҳои қадимаи таърихӣ ва мавзеъҳои хуби сайёҳӣ буда, барои ҷалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ дорои имкониятҳои фаррох мебошад. Яке аз ёдгориҳои таърихӣ ва ҷои тамошобоб барои сайёҳон Аҷинатеппа ба ҳисоб меравад, ки боқимондаи ёдгории меъмории дини буддоӣ буда, мувофиқи таҳқиқи бостоншиносон дар он мавзеъ бутхона дар нимаи дуюми асри 7 ва ибтидои асри 8 фаъолият доштааст. Аҷинатеппа аз маркази ноҳия 11 км дур дар ҷамоати шаҳраки Киров ва 15 км дуртар аз шаҳри Бохтари вилояти Хатлон ҷойгир шудааст.

Соли 1959 дар масофаи 3 км дар работи ҷамоати шаҳраки Кирови ноҳияи Вахши вилояти Хатлон аз тарафи олим Т. И. Зеймал кашф гардидааст. Номи асосии ин ёдгорӣ аслан Аҷиннатеппа набуда, ин унвон солҳои 40-уми асри 20 ба он дода шудааст. Тибқи ривояти мардуми маҳал солҳои 40-уми асри 20 дар натиҷаи боридани боронҳо як ҷойи теппа фурӯ рафта, сӯрохие ба вуҷуд омадааст ва нафаре аз маҳаллиён ворида сӯрох шуда, бути якпаҳлу хобрафтаеро мебинад ва тарсон берун омада, дидаашро ба мардум нақл мекунад. Минбаъд маҳаллиён онро макони чинҳо (махлуқи бадшакли бадкирдори афсонавӣ) пиндошта, Аҷинатеппа номгузорӣ кардаанд. Ваҷҳи тасмияаш аз аҷина аст.

Аз соли 1961 Экспедитсияи бостоншиносии Тоҷикистони Ҷанубӣ (бо роҳбарии Б. А. Литвинский ва Т. И. Зеймал) мунтазам ҳафриёт доир карда, соли 1973 таҳқиқи он комилан ба итмом мерасад.

Аҷиннатеппа бинои росткунҷашакли вусъаташ 100х50 метр, баландиаш 6 метр мебошад. Аз ду қисмати мутаносиб иборат буда, бо роҳрав қисмҳо ба ҳам мепайванданд, ки қисмҳоро дар рафти таҳқиқ шартан «дайр» ва «маъбад» номгузорӣ кардаанд. Дар миёнҷои «дайр» ва «маъбад» ҳовли ҷой дорад. Иморати ҳар як қисми бино аз рӯи тарҳи иморатсозии чорайвона бино ёфта, бино аз пахса ва хишти хом, таҳкурсии он аз хишти пухта сохта шудааст. Фарши ҳуҷраҳо, рӯйи ҳавлӣ ва девори биноҳои ибодатгоҳ бо хишти пухта рӯйкаш шудааст. Равоқҳо камбар ва биноҳо гумбаздор будаанд. Дар маркази нимаи «дайр» ҳавлии чоркунҷае ҳаст (19х19 м), ки дар атрофи он ҳуҷраҳо, ибодатгоҳ, толор, биноҳои хоҷагӣ ҷой гирифтаанд. Ҳамаи ин биноҳоро роҳрав ба ҳам мепайваст. Ороиши меъмории ибодатгоҳи дайр мураккаб, шифту девор, нақшу нигор, муҷассамаи бисёр дошт.

Ҳангоми ҳафриёт порчаҳои муҷассамаи калони баландиаш 4 метр, ки дар маркази бино воқеъ буд, ёфт шуд. Поёни деворҳо, рӯи суфаҳо ва пояи ҳайкалҳо бо нақшу нигор оро ёфтаанд. Дигар биноҳои дайр ва ҳуҷраҳои роҳибон намуди оддӣ доранд. Дар яке аз роҳравҳо муҷассамаи 14-метраи якпаҳлӯ хобидаи Буддо дар ҳолати нимвайрона ва дар тоқчаҳо муҷассамаҳои хурди буддоиҳои нишаста ёфт шудаанд.

Муҷассамаҳоро аз гил сохта, рангу бор додаанд. Тасвироти Аҷинатеппа дар асоси анъанаҳои наққошии ҳамонзамонаи Осиёи Миёна ба ҷо оварда шудааст. Нақши иблис, роҳиб ва одамони оддӣ низ ҳастанд. Дар вақти ҳафриёти Аҷинатеппа бисёр бозёфти шайъӣ – сафол, маснуоти шишагӣ ва фулузӣ, сиккаҳо ёфт шуданд. Хусусан, сиккаҳо ҷолиби диққатанд. Аҷинатеппа тақрибан 100 сол фаъолият дошта, ба тахмин дар солҳои 40-уми асри 8 дар рафти истилои арабҳо тадриҷан харob гардидааст. Ҳафриёти Аҷинатеппа аҳамияти илмӣ дорад. Аҷинатеппа нахустин ёдгории буддоӣ дар Осиёи Миёна аст, ки пурра тадқиқ карда шудааст.

Минбаъд дар роҳи корвонгарди аз Балх ба сӯи шоҳроҳи Шумон (Ҳисор), Вашгирд, Ғуркан (Ғарм), Чин, Ҳулбук, Фархор, Бадахшону Ҳиндустон ҷой дошт ва ба тоҷирони ҳиндӣ ва чинӣ хизмат менамуд. Аз ин рӯ тамошои Аҷинатеппа барои сайёҳони ҳинду, хитоиҳо, кореягиҳо ва ҷопониҳо бештар мароқангез мебошад.

Ёдгории таърихии Аҷинатеппа дар қатори се ёдгории таърихию фарҳангии вилояти Хатлон, ки дар Роҳи Бузурги Абрешим мавҷуданд (Хоҷа Машҳад (ноҳияи Шаҳритуз), Тахти Сангин (ноҳияи Кубодиён) ва Ҳулбук (ноҳияи Восеъ), ба феҳристи ЮНЕСКО ворид гардидааст. Тамошои Аҷинатеппа ва огоҳӣ пайдо намудан аз ин мавзеъи бостонӣ мароқовар буда, дар зеҳни ҳар як бинанда таассуроти ҷолибро боқӣ мегузорад.

***Гирдоварандагон: мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Вахш Сафаралӣ Камолов ва мутахассиси ҳамин шуъба Азизулло Неъматов***

# ПАНҶ – ДАРЁЕ, КИ ҲАМ ДЕВОРИ МАРЗ АСТУ ҲАМ МАНБАИ ОБОДӢ

Ҳимояи манфиатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва амниятии Тоҷикистон, ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, эҷоди шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори кишвар ва таъмини бехатарии он муҳим арзёбӣ мегардад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо ба ҳалли масоили вобаста ба об кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ ва минтақавӣ чандин ташаббусҳои созандаро пешниҳод кард.

Дар натиҷа, тибқи арзёбиҳои байналмилалӣ Тоҷикистон тайи ду даҳсолаи гузашта ташаббускори ҷаҳонии ҳалли масоили глобалӣ дар соҳаи об эътироф гардид. Мо татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро василаи воқеии ҳалли мушкилот дар ин самт медонем ва дар даҳсолаи оянда низ иҷрои ин нақши пешбарро идома хоҳем дод.

Соли 2018 айёми таҷлили ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ва рӯзи ҷаҳонии об-22 март раванди татбиқи ташаббуси нави глобалии мо-Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028 расман оғоз мегардад, гуфт дар Паёми навбатиаш ба Маҷлиси Олии кишвар Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Тоҷикистон табиати бою рангин дошта, дорои сарватҳои гуногуни табиӣ мебошад. Яке аз чунин сарвати табии ин дарёҳои Тоҷикистон мебошанд. Яке аз чунин дарёҳои калонтарини Тоҷикистон дарёи Панҷ аст, ки аз минтақаи кӯҳҳо ибтидо мегирад. Қаламрави Тоҷикистон аз ғарб ба шарқ ба масофаи 700 км ва аз шимол ба ҷануб 500 км кашол ёфтааст. Қисми мобайнии он 71 0 тӯли шарқӣ то 100 км тангтар мешавад. Ин аз он сабаб аст, ки дарёи Панҷ аз Ишкошим ба самти шимол ва аз наздикии Қалъаихум ба тарафи ҷанубу ғарб ҷорӣ шуда, худуди ҷанубии Тоҷикистонро ташкил менамояд. Дар ин ҷо водии дарёи Панҷ қаламрави Тоҷикистонро аз Афғонистон ҷудо мекунад. Дарозии умумии худуди Тоҷикистону Афғонистон 1030 км-ро ташкил медиҳад. Самти ҷараёни дарёҳои Тоҷикистон ба самти арзии қаторкӯҳҳо вобастааст. Дарёҳои Тоҷикистон асосан ба се ҳавза мансубанд: Аму, Сир ва Зарафшон. Ҳавзаи Аму қисми зиёди қаламрави Тоҷикистонро дар бар мегирад. Ин ҳавзаро теғаҳои қаторкӯҳҳои Ҳисор ва Мастчоҳ аз ҳавзаи Зарафшон ҷудо мекунад. Вай шохои рости дарёи Панҷ, Бартанг, Язгулон, Ванҷ, Қизилсу ва дарёҳҳои Вахшу Кофарниҳон, ки бевосита ба Амударё ҷорӣ мешаванд, дар бар мегирад. Дарёҳои начандон калони Қаратоғ ва Ширкент, ки аз нишебии ғарбии қаторкӯҳи Ҳисор ҷорӣ мешаванд низ ба ҳавзаи Амударё тааллуқ доранд. Онҳо берун аз ҳудуди Тоҷикистон бо Тупалангдарё, пурра дар қаламрави Ӯзбекистон ҷорӣ мешавад, якҷоя шуда Сурхондарёро ташкил менамояд. Вай аз канори ҷанубу шарқии қаламрави Ӯзбекистон ҷорӣ шуда, ба Аму мерезад. Дар қаламрави Тоҷикистон ҷоришавии миёнаи солонаи дарёҳҳои ҳавзаи Аму 64 милиард метри мукаабро ташкил менамояд.

Акнун саволе ба миён меояд, ки дарёи Панҷ дар кадом мавзеъ номи Панҷ ва дар кадом мавзеъ номи Амуро мегирад?

Аму серобтарин дарёи Осиёи Миёна мебошад. Дарозии он 2325 км-ро ташкил менамояд. Вай аз нишебиҳои шимолии қаторкӯҳҳои Ҳиндукуш (қаламрави Афғонистон) аз пиряхи Веровский ибтидо мегирад. Дарё дар болообаш Вахчир ном дорад. Ҳангоми бурида гузаштани пешкӯҳи ҷанубу ғарбии қаторкӯҳи Вахон номи Вахонро мегирад. Дарозии дарёи Вахчир ва аз давоми он дарёи Вахон то ба дарёи Помир ҳамроҳ шуданаш 120 км-ро ташкил менамояд. Баъд аз пайваст шудан ба дарёи Помир онро дарёи Панҷ мегиранд. Панҷ ба дарёи Вахш хело пуроб мегардад ва дар ин ҷо Амударё ташкил меёбад. Амударё ва шохоби он Панҷ ҳудуди қисми ҷанубии Тоҷикистонро аз Афғонистон ҷудо менамояд. Масофаи ҷоришавии Амударё дар қаламрави Тоҷикистон 85 км-ро ташкил медиҳад. Дар айни замон ҳудуди Афғонистон ва Тоҷикистон аз мобайни Амударё ва шохоби он Панҷ мегузарад. Калонтарин ва пуробтарин шохоби Амударё-дарёи Панҷ ва Вахш ба ҳисоб меравад. Вахш 28%-и дарёи Панҷро ташкил медиҳад. Масоҳати ҳавзаи дарёи Панҷ 114000 км3 мебошад. Аз маҷрои он дар як сол 35 км3 об ҷорӣ мешавад. Ҳамаи шохобҳое, ки Панҷро ташкил менамоянд дар болооби худ пурталотум ва ҷараёни тез доранд. Дарозии дарёи Панҷ 921 км аст. Дар саргаҳи он паҳнои водӣ 1-5 км аст. Ҳангоми аз Ишкошим поёнтар аз минтақаи кӯҳҳо гузаштан дар баъзе мавзеъҳо водии ҷуқур ва тангро ҳосил кардааст. Бари маҷрои дарё дар ин ҷойҳо даҳҳо мертрро ташкил менамояд. Баробари аз минтақаи кӯҳҳо ба ҳамворӣ бароmадан суръати ҷараёни Панҷ оҳиста-оҳиста суст мешавад. Дар ҳамвориҳо дарё ба якчанд шохобҳо тақсим шуда, дар байни онҳо ҷазираҳои хурду калон ҳосил мешавад. Яке аз ин ҷазира Уртатӯқай ном дорад, ки 150 км дарозӣ ва 15 км бар дорад. Дарёи Вахш дарозтарин шохоби Амударё мебошад. Дарозии он 643 км буда, дар рафти ҷараён якчанд шохобҳоро ба худ қабул менамояд. Ҳангоми ба ҳам пайваст шудани Сурхоб бо Обихингоб номи Вахшро мегирад.



Дарёи Панҷ дар ҳамворӣ аввалин шуда аз ноҳияи Мир Саийд Алии Ҳамадонӣ мегузарад. Аҳолии деҳаҳои наздисоҳилии ноҳияҳои Ш. Шоҳин, М. С. А. Ҳамадонӣ, Фархор, Панҷ ва Дӯстӣ аз оби ширину хурдаништоби дарёи Панҷ истеъмол ва ҳамчунин барои обёри кардани заминҳо истифода мебаранд.

Бояд гуфт, дарёҳҳои тезҷараёни Тоҷикистон манбаи бузурги офариниши нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва манбаи тараққибахши саноат ба шумор меравад.

***Гадоӣ САЙДАЛИЕВ, мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти КИ ҲХДТ дар ноҳияи Ҳамадонӣ***

ДАР РОСТОИ СОЛИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

## ШАҲРВАНДОН АЗ ҲИЛЛАВУ НАЙРАНГҲОИ ТТЭ ҲНИ БЕШТАР ОГОҲӢ ПАЙДО КАРДАНД



Дар деҳаи Чорчашма ва Шағмони ҷамоати деҳоти ба номи Сайф Раҳими ноҳияи Балҷувон тибқи ҷадвали баргузории соатҳои сиёсӣ дар ташкилоту муассисаҳо ва вохӯриву мулоқотҳо дар деҳаву маҳалаҳои ноҳияи Балҷувон аз тарафи кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Балҷувон суҳбату вохӯрӣ атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, ҷорабиниҳои фарҳангӣ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва пешгирии ҳодисаҳои номатлуби гурӯҳҳои ифротиву тундрав баргузор гардид.

Сараввал раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Балҷувон Мирзоев Исуф оид ба мавзӯъҳои болозикр баромад намуда, маорифчиёнро баҳри баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсиву фарҳангии мардум, алалхусус ҷавонону наврасон, дар замири онҳо ҷо намудани ҳисси ватандӯстиву ватанпарварӣ, гиромӣ доштани арзишҳои милливу фарҳангии Тоҷикистон ва пешгирӣ аз шомилшавии онҳо ба ҳизбу гурӯҳҳои хатарноки асри нав- терроризму экстремизм ва маҳкум намудани амалӣ ноҷавонмардонаи як гурӯҳ ҷавонон дар хусуси ба халокат расидани сайёҳони хориҷӣ дар ноҳияи Данғара андешаронӣ намуд.

*н. БАЛҶУВОН*

## РОҲҲО ПАЙВАНДГАРИ ҚАЛБҲО МЕБОШАНД!



Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Роҳсоз» тибқи ҷадвали баргузории хониши сиёсӣ вобаста ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ хониши сиёсӣ баргузор гардида, дар он раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар Начидуллоев Тавакал иштирок намуд.

Дар хониши сиёсӣ масъулин оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ баромад намуда, аз ҷумла оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум дар мавриди хатари терроризму экстремизм бо мақсади пешгирии шаҳрвандон аз ин гурӯҳҳо андешаронӣ карданд.

Инчунин, дар идомаи суҳбат иброз карда шуд, ки имрӯзҳо мардуми Тоҷикистон сарбаландона зери сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кору зиндагӣ карда, барои раисдан ба ҳадафҳои созандаи давлату ҳукумат заҳмат кашида истодаанд. Иштирокдорон қайд доштанд, ки моро месозад, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, дастуру ҳидоятҳои пайвастаи Пешвои миллатро сармашқи кори худ қарор диҳем.

Сипас, масъулин ва иштирокдорон атрофи сазовор ҷашн гирифтани 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуданд.

*ш. БОХТАР*

## ТАШРИФИ ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОҲИЯИ ВАХШ



Бо дарназардошти эълон гардидани соли 2018-ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ҷиҳати ташкил намудани вохӯрии машваратию дастурдиҳии вакилон дар толори муассисаи таҳсилоти умумии №56-и ноҳияи Вахш бо роҳбарони соҳаҳои маориф, фарҳанг, кор бо ҷавонон ва варзиш ва сарварони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбии ноҳия вохӯрии судманд баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Бахтовар Амиралӣ, Раҷабова Латофат ва Миралиён Қиёмиддин, инчунин раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Вахш Маҳмадов Одилҷон иштирок ва суханронӣ намуда, оид ба сару либоси миллӣ, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», волоияти қонун дар бораи истироҳат ва сайёҳат гуфта гузаштанд.

Инчунин, иброз намуданд, ки сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб рафта, барои ривоҷу равнақ додани соҳаи басо муҳим маслиҳатҳои муфид доданд.

*н. ВАХШ*

## ТАНТАНАҲОИ СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР МАҲАЛ



Бо мақсади сазовор пешвоз гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мусоидат намудан дар рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои халқӣ ва дар рӯҳияи ифтихори миллӣ тарбия намудани наврасону ҷавонон дар деҳаи Ҳамидободи ҷамоати деҳоти ба номи М.Вайсов ҷорабинии фарҳангию сиёсӣ ва намоиши ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид.

Дар ҷорабинӣ бо сокинон муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Восеъ Шаҳноза Раҷабова оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ суханронӣ намуда, қайд кард, ки Тоҷикистон азизи мо биҳишти воқеии рӯи замин, кишвари ганҷҳои нокушодаву табиати Худодод аст. Бинобар ин, моро зарур аст, ки бо барои рушди босуботи иқтисодиёт, ҳифзи дастовардҳои нодири он - Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва Ваҳдати комили миллӣ насли наврасро дар рӯҳияи худшиносию худогоҳии миллӣ ҳидоят намоем.

Ҳамзамон, дар ҷорабинӣ вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия Ҳамидов Ҳикматулло оид ба риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", пешгирӣ аз хатарҳои терроризму экстремизм ва хизмат дар сафи Артиши миллӣ суханронӣ намуд.

*н. ВОСЕЪ*



## ТАРҒИБИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ДАР МАҲАЛ

Бо иштироки вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқов Ҳокимҷон дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Беморхонаи марказӣ"-и ноҳияи Дӯстӣ бо интихобкунандагони худ, кормандони соҳаи тандурустӣ вохӯрӣ доир гардид.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқов Ҳокимҷонро и.в. раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ Қурбонзода Абдулҳафиз, муовини раиси ноҳия Шарифзода Зебунисо ҳамроҳӣ намуда, дар ташкилоти номбурда бо фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ оид ба баррасии дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, нуктаҳои асосии Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ андешаронӣ намуд.

Инчунин, Холиқов Ҳокимҷон зимни суханронӣ атрофи амалҳои террористию экстремистӣ, мулоқоти Пешвои миллат бо кормандони соҳаи тиб, ки дар Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон санаи 1 сентябри соли ҷорӣ баргузор гардид, ибрози андеша намуд.

Ҳамчунин Қурбонзода Абдулҳафиз дар назди ҷамъомадагон оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони "Якҷоя ҳал мекунем!" андешаронӣ намуда, кормандони соҳаи тиббро барои ҳифзи солимии ҷомеа, тарғиби тарзи ҳаёти солим, роҳандозии корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ ҷиҳати пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ дар байни аҳолӣ бо ҷалби мутахассисон, ки яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ мебошад, раҳнамоӣ намуд.

*н. ДӮСТӢ*

## ЭҲЁ ВА РУШДИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ АЗ МАҲАЛ САРЧАШМА МЕГИРАНД



Тибқи нақша-ҷорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара дар якҷоягӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар ҷамоати деҳоти Лоҳури ноҳия намоиши ҳунарҳои мардумӣ ташкил карда шуд.

Дар ҷорабинии мазкур ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили чодардӯзӣ, давридӯзӣ, курокдӯзӣ, гулдӯзӣ, чакандӯзӣ, атласбофӣ, оҳангарӣ, сабадбофӣ, рассомӣ, дуғкашӣ, ресандагӣ, шерозбофӣ, тоқидӯзӣ, хӯрокҳои миллӣ дар намоишгоҳ ҷойгир карда шуда буданд.

Ҳамзамон, дар ҷорабинӣ раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара Каримов Пирмуҳаммад доир ба моҳияти ташкили чунин ҷорабиниҳо дар маҳал ва дар ҳамин замина эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, созандагиву ободкорӣ, риояи қонунҳои миллӣ, касбу ҳунаромӯзии ҷавонону наврасон, таъмини амнияти озуқаворӣ, самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ ва Соли тақвияти робита бо маҳал суханронӣ намуд.

*н. ДАНҒАРА*

## ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ТАҶАССУМГАРИ ОИНҲОИ ҲАЗОРСОЛАИ МИЛЛАТИ ТОҶИК АСТ



Дар деҳаи Бош-Қайнари ҷамоати деҳоти Норин аслан мардуми ӯзбекзабон зиндагонӣ ва иқомат мекунанд, ки занони ҳунарманди ин мавзеъ бо ҳунарҳои волои худ дар миқёси ноҳия ва берун аз он шинохта шудаанд. Дирӯз дар доираи ҷадвали баргузории суҳбату вохӯриҳо дар деҳаи Бош- Қайнари ҷамоати деҳоти Норин бо ташаббуси ташкилоти ибтидоии «Кишоварз» дар доираи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, Соли тақвияти робита бо маҳал ва Аксияи таблиғотӣ- амалии ҳизбӣ таҳти унвони «Якҷоя ҳал мекунем!» ҷорабинии сиёсиву фарҳангӣ баргузор гардид.

Нахуст, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Абдуллоева Саёҳат оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, вазъи имрӯзаи дохиливу хориҷии кишвар, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, аз даст надодани зиракии сиёсӣ, тарбияи дурусти фарзандон, пешгирии бемориҳои сироятӣ, ҷалби ҷавонони синни даъватӣ ба хизмати Ватан-Модар, пеш аз хонадоршавии навҷавонон аз муоинаи тиббӣ гузаронидани онҳо ва тақвият бахшидани ҳунарҳои мардумӣ дар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ андешаронӣ намуд.

*н. ЁВОН*

## ХОНИШИ СИЁСӢ ДАР МАВЗӮЪИ ИНТИЗОМИ ҲИЗБӢ



Тибқи ҷадвали тасдиқгардида дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Дурахшон" хониши сиёсӣ дар мавзӯъи интизоми ҳизбӣ, бо мақсади тақвият бахшидан ва риояи муқаррароти қонунҳо, оқибатҳои ногувори қонуншиканӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳо ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид.

Дар баргузории хониши сиёсӣ мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Носири Хусрав Муродов Раҳмон иштирок намуда, дар маҷмуъ оид ба масъалаҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои мамнуъ, амалу кирдорҳои номатлуби аъзои ТЭТ ҲНИ ва гурӯҳҳои ҷиноятпешаи хоинони давлату миллат дар хориҷи кишвар фаъолиятдошта, истифодаи дурусти фазои иттилоотӣ, сари вақт вокуниш намудан ба хабару мақолаҳои иғвоангез, ҳарчи бештар огоҳ намудани мардум аз ҳодисаҳои нанговари вақтҳои охир рухдода ва пешгирии содиршавии чунин кирдорҳоро фаҳмонид.

*н. Н. ХУСРАВ*

ДАР РОСТОИ СОЛИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

## ТАРҒИБИ ҲАДАФҲОИ СОЗАНДАИ ҲХДТ ДАР БАЙНИ СОКИНОН



Тибқи нақша-чорабиниҳои тасдиқгардидаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Пилла"-и назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён вохӯрӣ дар ҷамоати деҳоти 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбат атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ баргузор гардид.

Дар вохӯрии мазкур раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён Шарифзода Маҳмадаюб баромад намуда, дар бораи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, ҳадафҳои барномавии он қайд намуд, ки ҲХДТ таҳти роҳбарии Раиси муаззами он мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дар ҳаёт татбиқ намудани орзуву омоли халқ фаъолона талош варзида, бо қабули санадҳои гуногуни муҳими иқтисодиву иҷтимоии ҷомеаро саривақту босифат ҳал намуда, эътиқоду эътимоди мардумро нисбат ба фаъолияти ҲХДТ бештар мегардонанд.

Ҳамчунин, доир ба суханронии Раиси муаззами ҲХДТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ аз 16 феврали соли 2018 сухан намуда, қайд кард, ки "Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон-ҳамчун ниҳоди пешбаранда ва нерӯи созандаву муттаҳидсозии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳофизи арзишҳои миллию фарҳангии кишвар дар ин самт салоҳият ва мартабаи баланд доштанашро нишон дода истодааст".

Бинобар ин, ба аъзогии ҳизб намояндагони ташаббускори соҳаҳои мухталифи ҷомеа, аҳли зиё, коршиносону сиёсатмадорон умуман фаъолони ҷомеа ҷамъ омада, барои амалигардонии ҳадафҳои ҳизбӣ саҳмгузор мебошанд.

*н. ҚУБОДИЁН*

## ЗАҲМАТУ КОРУ ҲУНАР КАСРО НАМОЯД НОМДОР...



Дар маҳаллаи Фирдавсии шаҳри Кӯлоб вобаста ба ҷадвали баргузории чорабиниҳо намоиши ҳунарҳои мардумӣ доир гардид.

Дар ин чорабинӣ корманди масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Мунаввараи Бозоралӣ иштирок ва суханронӣ намуд.

Мавсуф иброз дошт, ки миллати сарбаланди тоҷик аз азал бо расму оин ва урфу одатҳои қадимаи худ миёни дигар халқиятҳо ҷойгоҳи махсуси худро пайдо намуда, бо офаридаҳову ҳунарҳои бемислаш тавонистааст дар ҷаҳони мутамаддин мавқеи намоёнро ишғол намояд.

Ба хотири муаррифӣ намудан ва тақвияти бахшидани ҳунарҳои қадимаи миллӣ дар арсаи байналмилалӣ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 дар мамлакат Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардид.

Дар ин баробар Пешвои миллат дастур доданд, ки ҳар як нафаре, ки дар муҳити хона ба ҳунару ҳунармандӣ машғул мегардад, аз пардохт намудани андоз озод карда шавад, ки ин нишонаи сиёсати ғамхоронаи роҳбарияти давлат нисбати ашхоси ҳунарманд мебошад.

*ш. КӮЛОБ*

## ҲАДАФҲОИ СОЗАНДАИ ҲХДТ ДАР АМАЛ ТАТБИҚ МЕГАРДАНД



Бо ташаббус ва иқдоми Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Муъминобод дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Амонатбонк» хониши сиёсӣ доир гардид.

Дар хониши сиёсӣ раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Салоҳиддин Мирзоборотов ва раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Амонатбонк» иштирок ва суханронӣ намуданд.

Салоҳиддин Мирзоборотов зимнан дар назди ҷамъомадагон оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, шарҳу тавзеҳи нуктаҳои асосии Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарғиби либоси миллӣ, пешгирии шомилшавии занону ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва риояи Дастурамали либосҳои тавсиявӣ барои занону духтарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии зуҳуроти номатлуби ҷомеа, фарҳанги оиладорӣ, таҷрибаи рӯзгордорӣ, донишу малакаи онҳо дар ташкили оиладорӣ, пешгирии зӯроварии хонаводагӣ нисбати фарҳанги либоспӯшии занону духтарон, ҳолатҳои мунокишаи оилавӣ, ёрии амалӣ ва ҳуқуқӣ расонидан ба оилаҳои носолим ва муқовимат бо коррупсия андешаронӣ намуда, инчунин дар ин раванд Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони "Якҷоя ҳал мекунем!"-ро мавриди баррасӣ қарор дода, роҳандозии Аксияи номбурда даъват кард.

*н. МӮЪМИНОБОД*

## АКСИЯИ ҲИЗБИИ «МАКТАБ-ДАРГОҲИ МАЪРИФАТ» АМАЛӢ ГАРДИД



Мувофиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба табақаҳои ниёзманди ҷомеа, ятимону барҷомондагон, маъюбону пиронсолон расонидани кӯмакҳои моддиву молиявӣ дар арафаи иду ҷашнҳои давлативу миллӣ яке аз рукнҳои неки давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб дастуру супориш ва ҳидоятҳои Пешвои миллатро дастгирӣ намуда, Аксияи ҳизбӣ таҳти унвони «Мактаб-даргоҳи маърифат»-ро доир намуд.

Дар баргузории Аксияи ҳизбӣ раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Норак Кумриниссо Гулмуродзода, роҳбари намояндагии ТҶҶ «Созандагони Ватан» Ғафурзода Фирдавс иштирок намуда, кӯдакони аз оилаҳои ниёзманди ҷомеа, ятимону маъюбонро барои соли нави таҳсили 2018-2019 бо ашёҳои дарсӣ таъмин карданд, ки эътимоду боварии хонандагонро ба давлату миллат дучанд намуд.

Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Норак минбаъд низ ин иқдоми некро дар арафаи иду ҷашнҳо бо ҷалби фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони ҳизб идома хоҳад дод.

*ш. НОРАК*

## МАРДУМ БАҲРИ ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ТАЛОШ ВАРЗИДА ИСТОДААНД



Бо мардуми ҳунарманди деҳаи Чорсуи ҷамоати деҳоти Навбаҳор бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кушониён Сатторова Мунаввара вохӯрӣ доир карда шуд.

Зимни вохӯрӣ масъулин қайд карданд, ки дар руҳияи мардум тақвият додани инсондӯстию меҳнатдӯстӣ, ҳунармандиву бунёдкорӣ, намоиши таомҳои миллӣ, созандагиву ободонӣ ба роҳи дуруст тарбия кардани насли наврас ва ҷалби бештари сайёҳон ба давлати азизамон-Тоҷикистон мо диққати махсусро равона намудаем.

Ин иқдоми пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз як тараф аз нав эҳё намудани ҳунарҳои миллӣ бошад, аз ҷониби дигар тарбия намудани ҷавонон ва омӯзонидани касбу ҳунарҳои ниёгонамон ба онҳо мебошад, то ин ки ҳунарҳои аҷдодонамонро аз худ намуда, ба тамоми ҷаҳон муаррифӣ намоянд.

Дар баробари андешаронӣ Сатторова Мунаввара атрофи ҳодисаи фоҷиабору нангини гурӯҳи муташаккили ҷиноятпеша, ки бо фармоиши ТЭТ ҲНИ дар куштори 4 нафар сайёҳони хориҷӣ дар ноҳияи Данғара даст заданд, ҳарф зада, мардумро бори дигар аз хавфу хатарҳои ташкилотҳои террористиву экстремистӣ огоҳ намуд.

Инчунин, сокинон иброз карданд, ки ба хотири дар сатҳи баланд ва сазовор истиқбол намудани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми имкониятҳои мавҷуда сафарбар намуда, ҳиссаи арзандаи худро дар корҳои созандагиву ободкорӣ бо ҳамдилӣ мегузорем.

*н. КУШОНИЁН*

## ТОҶИКИСТОН ВАТАНИ ОБҲОИ МУСАФФОСТ



Таҳти шиори «Тоҷикистон Ватани обҳои мусаффост» кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин дар деҳаи Раҳмонобод бо сокинон, ҷавонон ва фаъолони ҳизб атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ суҳбат доир намуданд.

Вохӯриро мутахассиси шуъбаи ташкилӣ ва баҳисобгири Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин Ҳошимов Абдураҳим кушода, доир ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ, Соли тақвияти робита бо маҳал, озмунҳои ҳизбӣ таҳти унвонҳои "Беҳтарин доиркунандаи чорабиниҳо дар сатҳи маҳал", "Беҳтарин муаррификунандаи мавзеъҳои сайёҳӣ", ки ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ноҳияи кӯҳистон буда, дорои мавзеъҳои сайёҳӣ ва ҷойҳои таърихӣ мебошад, суханронӣ намуда, сокинонро барои иштирок дар озмунҳои ҳизбӣ даъват кард.

Баъдан мутахассиси шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроия Қурбонова Малоҳат дар бораи баргузории чорабиниҳо бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва оғози Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» андешаронӣ намуд.

*н. Ш.ШОҲИН*

## ҲУНАР ПАЙВАНДГАРИ НАСЛҲОСТ



Намоиши ҳунарҳои миллӣ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар маҳаллаи Турдишайхи ҷамоати деҳоти Озодагон бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҳизби ноҳия Файзиев Каримҷон, намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия Назаров Бахтовар, мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроия Шомаҳмадзода Музаффар, мудири шуъбаи занони Кумитаи иҷроия Атавуллоева Зебунисо, кормандони ҷамоати деҳоти Озодагон ва вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Панҷ Камолов Сайъазам баргузор гардид.

Пас аз дидани намоиши ҳунарҳои мардумӣ сароғоз Файзиев Каримҷон чорабиниро кушода, иброз дошт, ки давлати соҳибистиқлоли мо пас аз ҷанги шаҳрвандӣ мусибатҳои зиёдеро аз сар гузаронид. Чунин вазъи пурфоҷиа хавфу хатари аз байн рафтани давлат ва парокандагии миллатро пеш оварда буд. Вале муяссар шуд, ки мардуми соҳибмаърифату сулҳҷӯи кишварамон бо сарварии Роҳбари хирадпеша ва сулҳдӯст таҳти парчами ваҳдату ягонагии миллат сарҷамъ муттаҳид шаванд. Ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, барои таъмини боэътимоди сулҳу субот нерӯи худро равона созанд.

Ҷолиби қайд аст, ки ин як гӯшаи намоиши ҳунарҳои мардумии маҳал ба асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шуда буд.

Баъдан Камолов Сайъазам атрофи яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ моҳияти хизмат дар сафи Артиши миллӣ ҳамчун мактаби ҷасорату мардонагӣ ва омили нигоҳ доштани сулҳу суботу амнияти кившар андешаронӣ намуд. Хизмат ба Ватан-Модар қарзи фарзандӣ ва имониву виҷдонии ҳар як ҷавонмарди бонангу номус буда, мактаби бузурги тарбияи ирода, ҷасорат, шуҷоат ва ватандорӣ ба ҳисоб меравад. Иҷрои ин қарз нишонаи камолоти инсонии ҳар як ҷавонмард мебошад. Инчунин, оид ба пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои дар кишвар мамнӯъ пешниҳодҳо зикр гардиданд.

Дар идома оид ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидани мулоқоти сатҳи олии Сарони ду кишвари бо ҳам дӯст ва ҳамсоя Тоҷикистону Ӯзбекистон, ки санаи 17 августи соли ҷорӣ дар шаҳри Тошканд баргузор гардид, сухaронӣ карда шуд. Зимни ин вохӯрӣ 26 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид ва ин Созишномаҳо ба рушди иқтисодии ду давлати демократӣ мусоидат менамояд.

Чорабинӣ бо супоридани Сипосномаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Панҷ ба ташкилкунандагони он ва фаъолони маҳал анҷом ёфт.

*н. ПАНҶ*

*ДАР РОСТОИ СОЛИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ*

## МАҲСУЛОТИ ТАРУ ТОЗАИ КИШОВАРЗОН БА НАМОИШГОҲ ҲУСНИ ХОСА ЗАМ КАРД



Бо мақсади ҳарчи бештар тақвият бахшидани робитаи ҲХДТ дар бо маҳал ва иҷрои дастуру супоришҳо бобати баргузории вохӯрию мулоқот дар деҳаю маҳаллаҳои ноҳия дар деҳаи Давад-Ҳалқаёри ҷамоати деҳоти ба номи Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик вохӯрии навбатии кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик бо сокинон баргузор гардид.

Зимни мулоқот нахуст раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Раҷабзода Маҳмадсаид дар мавзӯъи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, инчунин дар масъалаи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, Соли тақвияти робита бо маҳал андешаронӣ намуд.

Доир ба суханронии раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик Раҷабзода Маҳмадсаид вакили ҷамоат ва ҳамзамон вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия сокини деҳаи Давад-Ҳалқаёр Давлатов Ҳамза ва раиси кумитаи маҳалла Солиев Файзидин вобаста ба хониши сиёсӣ андешаҳои худро баён карданд.

Сипас, бо иштирок ва фарогирии зиёда аз 100 нафар ҳунармандону кишоварзони моҳири маҳалла намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва маҳсули дастони кишоварзон ташкил карда шуд, ки аз ин намоишгоҳ ҳамагон дидан намуданд.

Дар охир Раҷабзода Маҳмадсаид ба аҳли ҳунармандону кишоварзони деҳа барои иштироки фаъолонашон изҳори миннатдорӣ баён намуд.

***н. ТЕМУРМАЛИК***

## ҲХДТ – ҲИЗБИ ДОРОИ МАВҚЕИ УСТУВОР ВА ОБРӮИ БАЛАНД ДАР ҶОМЕА



Дар ташкилоти ибтидоии «Осоишгоҳи Насим» вохӯрии навбатии раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархор Алиҷон Назаров бо ҳизбиёни ин ташкилот гузаронида шуд.

Дар мулоқот раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархор Назаров Алиҷон дар назди ҳозирин оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, пешгирии гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ – экстремистӣ, роҳҳои пешгирии бемориҳои сирояткунанда, тоза нигоҳ доштани гирду атрофи бино, риояи қонунҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ дар даврони истиқлолият зери сиёсат ва роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуд.

Инчунин, мавсуф дар бораи озмунҳои ҳизбӣ ва Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони “Якҷоя ҳал мекунем!” андешаронӣ карда, ҷамъомадагонро барои иштирок дар озмунҳои ҳизбӣ саҳм гузоштанд дар Аксияи номбурда даъват намуд.

***н. ФАРХОР***

## МАРДУМ БА СУҲБАТҲОИ СУДМАНД ЭҲТИЁҶ ДОРАНД



Дар деҳаи дурдасти Қадаҳии ҷамоати деҳоти ба номи Ғаффор Мирзо оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ суҳбат доир карда шуд.

Дар ҷамъомад оид ба он вазифаҳое, ки аз Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд ва дигар самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, роҳҳои мубориза ба терроризм ва дигар амалҳои тундгаро, пешгирӣ аз шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, сарфакорона истифода намудани қувваи барқ ва пардохти саривақтии маблағи барқи истифодашуда, паёмадҳои хатаровари фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, риояи урфу одат ва фарҳанги миллӣ, аз ҷумла дар пӯшидани либоси миллӣ ва дигар масъалаҳои таваҷҷуҳи назари шунавандагон, ки аз самтҳои муайянкардашуда бармеоянд, ба таври муфассал ва фаҳмо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуд.

Дар ҷамъбаст раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Қадаҳӣ” баромад намуда, ба Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия барои ташкили чунин суҳбати муфид дар мавзуъи рӯз аз номи сокинони деҳа изҳори миннатдорӣ намуд.

Ҳунармандони деҳа аз ин пешниҳоди Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ, ки ба рушди ҳунарҳои мардумӣ, ба меҳнати фоиданок ҷалб гардидани одамон ва беҳбудии зисту зиндагии мардум мусоидат менамояд, изҳори хушнудӣ ва қаноатмандӣ намуда, дар ҷавоб ба ин пешниҳод ваъда доданд, ки ҳунарҳои аз байн рафтаро аз нав эҳё менамоянд.

***н. ХОВАЛИНГ***

## ПЕШНИҲОДИ ҲИЗБИЁН АЗ ҶОНИБИ СОКИНОН ДАСТГИРӢ ЁФТ



Дар доираи ҷадвали баргузории вохӯриву мулоқот дар корхона, муассиса, ташкилот ва деҳаю маҳаллаҳои ноҳияи Хуросон бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Саидзода Раҳмон дар деҳаи ба номи Ф. Ғаниев бо сокинон атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ вохӯрии судманд баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ Саидзода Раҳмон дар баробари тарғиби самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, Соли тақвияти робита бо маҳал, Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон, озмунҳои ҳизбӣ таҳти унвонҳои «Беҳтарин муаррификунандаи мавзеъҳои сайёҳӣ», «Беҳтарин намоиши ҳунарҳои мардумӣ», «Армуғони хатлонӣ», ҳифзи дастовардҳои бузурги Истиқлолияти давлатӣ ибрози андеша намуд.

Ҳамзамон, масъулин дар бораи роҳандозии Аксияи ҳизбӣ ҳарф зада, аз иштирокдорони вохӯрӣ даъват ба амал овард, ки он маблағҳое, ки барои ҷашну маросимҳои хурсандиву азодорӣ харҷ мекунанд, беҳтар мешуд дар таъмири роҳҳои маҳали зист, сохтмони бинои сартарошхона, мағоза, бунгоҳи тиббӣ, ки барои сокинон зарур мебошад, сарф намоянд. Сокинон пешниҳодро ҷонибдорӣ карда, иброз доштанд, ки иқдоми неки ҳизбиён давоми сиёсати оқилонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, барои ободиву шукуфоии Ватан саҳми муносиби худро мегузоранд.

***н. ХУРОСОН***



## ИСТИҚЛОЛИЯТ ҶАВҲАРИ АСОСИИ ЗИНДАГИИ МИЛЛАТ АСТ

Бо мақсади таъмини иҷрои накша-чорабинии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун дар маҳаллаи Лоиқ Шералии ноҳия чорабинии таблиғотии ҳизбӣ ҷиҳати сазовор истиқбол намудани ҷашни 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун Ҷумагул Шомаҳмадова, вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ҷайҳун Соҷида Асоева, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун Насим Сабурзода, мудири шуъбаи кор бо занон ва ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун Фарзона Ализода, мутахассиси шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун Насимахон Ғаффорова бо сокинони маҳаллаи болозикр доир гардид.

Дар чорабинии мазкур тамоми ҳунарҳои мардумӣ ва маҳсулотҳои кишоварзии хоси мардуми тоҷик ба намоиш гузошта шуда буд, ки касро дар ҳайрат мегузошт.

Дар рафти чорабинӣ раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун Ҷумагул Шомаҳмадова ва вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ҷайҳун Соҷида Асоева вобаста ба моҳияту таърихи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ муфассал суханронӣ намуда, ба дили бошандагон маъво андохтанд. Ҳамин буд, ки занони ҳунарманди маҳалла, ки ба дӯхтану бофтани матоъҳои миллии хоси мардуми тоҷик машғул буданд ваъда доданд, ки соли 2018 - Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумиро самаранок истифода бурда, дар ин сол кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки маҳсулотҳои дастранҷи истеҳсоли худро нисбат ба солҳои қаблӣ бештар истеҳсол намуда, дар рушди ҳунарҳои мардумӣ саҳм мегузорад.

Ҳамчунин занони ҳунарманди маҳалла дар назди худ мақсад гузоштаанд, ки ҳунарҳои андухтаи худро ба ҷавондухтарон омӯзонанд ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоранд.

***н. ҶАЙҲУН***

## МАРДУМ МОҲИЯТИ ҚОНУНҲОИ МИЛЛӢ ВА ДУРУСТ САФАРБАР КАРДАНИ ХАЙРУ САХОРО ДАРК КАРДАНД



Мувофиқи нишондоди нақша-чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ барои нимсолаи дуюми соли 2018 бо иштироки мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Алиев Зафар ва кормандони масъули Кумитаи иҷроия Содиқова Меҳрубон ва Сулаймонова Лола бо сокинони маҳаллаи ба номи Саидови ҷамоати шаҳраки Балх вохӯрӣ гузаронида шуд.

Нахуст, Сулаймонова Лола дар бораи ба мардум фаҳмонидани моҳияти қонунҳои миллӣ ва дар ин замина дуруст сафарбар кардани корҳои хайру сахо ба хотири рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангии ҷомеа, эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, Соли тақвияти робита бо маҳал андешронӣ намуда, барои боз ҳам ривоҷу равнақ додани касбу ҳунарҳои мардумӣ, дар доираи қонуни танзим баргузор кардани ҷашну маросимҳо, дар партави Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони “Якҷоя ҳал мекунем!” анҷом додани корҳои созандагиву бунёдкорӣ ба хотири рушду нумуи Ватани маҳбубамон-Тоҷикистони азиз маълумот дод.

Дигар баромадкунандагон низ дар назди ҷамъомадагон атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, инчунин навори телевизионие, ки тариқи шабакаҳои телевизионӣ бо номи “Бозгашт аз ҷаҳаннам” намоиш дода шударо муҳокима карда, онҳоро барои ҳифзи марзу буми кишвар, арзишҳои миллӣ, аз даст надодани ҳушёриву зиракии сиёсӣ, тарбияи дурусти фарзандон, алалхусус ҷавонон даъват карданд.

***н. Ҷ. БАЛХӢ***

## МИЛЛАТИ ТОҶИК СОҲИБФАРҲАНГ ВА ТАМАДДУНОФАР АСТ



Дар асоси накша-чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Наврӯз» чорабинии фарҳангӣ-сиёсӣ ва тарбиявӣ вобаста ба Соли тақвияти робита бо маҳал бо як ҳисси баланди миллӣ баргузор гардид.

Сухани ифтитоҳиро раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант Ватанзода Сайҷаъфар оғоз карда, иброз дошт, ки Тоҷикистон хонаи обод, сари баланд, зиндагии осоишта ва рӯзгори осудаҳолонаи ҳар фарди соҳибдавлату соҳибватан мебошад.

Бояд тазакур дод, ки рӯз то рӯз баланд гардидани эътибору нуфузи Ватани азизамон дар арсаи байналхалқӣ ин худ гувоҳи хирадмандонаву созандагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Имрӯзҳо давлати тоҷикон дар арсаи байналмиллалӣ мавқеъю эътибори баландро соҳиб гаштааст.

Вазифаи авалиндараҷаи мо шаҳрвандон аст, ки ба роҳи дуруст ҳидоят намудани ҷавонон ва гирифтани пеши роҳи бегонапарастию гаравидани фарзадонамонро ба созмону ҳаракатҳои ифротию террористӣ, бо истифода аз усулҳои муосири кор бо табақаҳои иҷтимоӣ, боз ҳам пурзӯр намудани ҷалби нерӯи ҷавонон, ба равандҳои созандагию бунёдкорӣ ва ихтиёрӣ хизмат намудан дар сафи Қувваҳои муссаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват намуд.

Дар охири чорабинӣ фаъолон ва аъзои ҲХДТ барои саҳми босазо гузоштан дар амалигардонии ҳадафҳои барномавии ҲХДТ бо Сипоснomai Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант сарфароз гардонида шуданд.

***ш. ЛЕВАКАНТ***

# ПАЙМОНИ ЧОР НАҲЗАТӢ ВА ЛУХТАКБОЗИҲОИ СИЁСӢ!

Чанде қабл ҷашни Истиқлолияти давлатӣ дар саросари кишвар бо шукӯҳу шаҳомати хоса ва ифтихор аз ватандориву давлатдории миллӣ таҷлил карда шуд. Ин рӯйдоди муҳим бо баргузор гардидани чорабиниҳои фарҳангӣ, ба истифода додани иншоотҳои иҷтимоӣ ва гузоштани санги асос ба иншоотҳои муҳимӣ ҷамъиятӣ алоқаманд буд. Ҳамчун шаҳрванди давлати соҳибистиқлол, ки дар он ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олӣ эътироф гардиданд зарур мешуморам аз ҳуқуқи конститутсионии худ, яъне озодии сухан истифода намуда, перомуни як чанд масъалаҳо ибрози ақида намоям.

Муддате мешавад аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ба мисли Ҳизби наҳзати ислом дар ВАО ҳар гуна маводҳои иғвоангез нашр гардида истодаанд. Дар ин маводҳо аввалан барангехтани кинаву адоват ва низоъ дар байни мардум ва дуюм, ба сарпарастони хориҷии худ нишон додани фаъолияти худ мебошад.

Албатта боиси шарм аст, ки чунин амалҳо аз ҷониби шаҳрвандони гумроҳ, бефарҳанг ва ба пулу моли хориҷиён додашуда содир карда мешаванд.

Таърих гувоҳ аст, ки хиёнаткоронро на қонун мебахшаду на ҷомеа, аммо шахсони ватандӯст ҳамеша гиромӣ дошта мешаванд. Шахсиятҳое ба мисли Муқаннаъ, Спитамен, Темурмалик ва дигарон бар зидди душманони миллат бархеста, ҷони худро дар роҳи озодӣ ва ҳифзи сарзамини худ дареғ надоштанд. Имрӯз мардуми тоҷик дар атрофи Президенти қонун интихобгардидаи худ муттаҳид шуда, бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро пеша намудаанд, ки дар он ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олӣ эътироф гардидааст. Азму ирода ва мақсадҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки мардум сарҷамъ, осудаву озод ва боумед ба ояндаи нек ҳаёт ба сар мебаранд. Аммо чунин ҳолат гурӯҳҳои хиёнатпешаву манфиатҷӯи террористиро осуда гузошта наметавонад. Онҳо ба ҳар васила ба ин ҳама пешравиҳо чашм пӯшида, сиёсати имрӯзаи давлатро ба фикри кӯчаки худашон “зери танқид” қарор дода, худро пеши хоҷагонашон “ширин” менамоянд

Тавре аз расонаҳо огоҳ шудем 4 созмони ба қавле “оппозитсионӣ” – ҳизби террористии наҳзати ислом ва се ташкилоте, ки худи наҳзатиёни хоин бо номҳои назарфиреб ба таври сунъӣ сохтаанд, яъне Ҷунбиши ислоҳот ва рушд, Анҷумани озодандешони тоҷик ва Анҷумани муҳоҷирони Осиёи Марказӣ, дар Варшава ба таври масхараомез байни худ “созишнома” имзо кардаанд ва иттиҳоде бо номи “Паймони миллии Тоҷикистон” таъсис додаанд.

Воқеан хандадор ва шармовар аст ин паймонро “миллӣ” унвон кардан, зеро наҳзатиёни хиёнатпеша, ки тамоми афроди солимақл аз онҳо рӯй гардонд, радди маърака шуданд ва ба ҷуз хоҷагони хориҷиашон барои ҷомеаи солим нодаркор гаштанд, худашонро аввал пора-пора карданд ва баъд боз байни пораҳои худ “паймон” бастанд. Аҷаб мантике! Муҳиддин Кабирӣ, Алим Шерзамонов, Шарофудин Гадоев ва Илҳом Ёқубов, ки гӯиё чор гурӯҳи алоҳидаи “мухолифин”-ро намояндагӣ карданд, ҳамагӣ узви мафияи террористии наҳзат ҳастанд. Ба ин берӯгиву рӯсиёҳӣ, ки бе ягон зарра хиҷолат ҳар чори ин нафарон саҳнаи имзои созишномаро бозӣ мекунанд, ангушти ҳайрат газидан мумкин. Ин намоиши тақаллубӣ нишон дод, ки ҳизби наҳзатро ҳатто ҳизб ҳам гуфтан мумкин нест, ҳатто ҳизби террористӣ ҳам бошад. Онҳо гурӯҳе иборат аз чор қаллоби мардумфиреб ҳастанд.

Дар ин росто фаъолони ҷомеа, хусусан нафароне, ки дар дунёи сиёсат гармиву сардиҳои зиёдро дидаанд, бояд ба ҷавонон ҳушдор диҳанд, ки аз ин қаллобон барҳазар бошанд, фирефтаи доми онҳо нагарданд ва ба ҷойи таваҷҷуҳ ба сиркосозиҳои ин қаллобон бештар ба рушду ободии Ватан таваҷҷуҳ намоянд. Ин бадхоҳон аллакай лухтаки дасти бегонагон гаштаанд ва режисёри ин саҳнаи онҳо хоҷагони хориҷиашон ҳастанд. Мақсади ягонаашон бошад ноором кадани фазои сиёсии Тоҷикистон аст.

Аммо ин бадхоҳон ҳеҷ гоҳ наметавонанд ба он мақсадҳои нопоке, ки дар солҳои навадум расида буданд, дигарбора расанд. Чашми мардум




кушода шудааст ва онҳо некро аз бад, сиёҳро аз сафед фарқ мекунанд. Барои мардум дигар манфиатҳои миллӣ ва сулҳу оромӣ болотар аз ҳангомаҳои ин бадхоҳон аст.

Агар ба таърихчаи сиёҳи наҳзатиён назар кунем, фаъолияташаон нахуст ҳамчун “мусичаи бегуноҳ” аз мағзшуии ҷавонон оғоз гардида, баъдан ба қатлу куштор ва террори мардуми бегуноҳ анҷомид. Инак, пас аз муддате дар пушти пардаҳо машқи террор кардан, боз ба саҳнаи ҳангомаҳо ворид гардид. Хусусан, пас аз таъсисёбии ДИИШ сиёсати террористии наҳзатиён боз ҳам фаъол гардид. Наҳзатиён аз ғалабаҳои муваққатии гурӯҳи террористии “Ихвонулмуслимин” дар Миср ва ДИИШ дар Ироқу Сурия рӯҳбаланд гардида, дар Тоҷикистон амалиётҳои нопоки худро боз ҳам фаъолтар намуд. Дар баробари як қатор ҳодисаву воқеаҳо, аз ҷумла кӯшиши табаддулоти ҳарбӣ, имсол воқеаҳои нангини дар шоҳроҳи Душанбе-Кӯлоб рухдода, ки наҳзатиён содир намуданд, боиси таачуби мардуми кишвар гардид. Дар куҷо дидаед, ки тоҷик меҳмони худро бикушад. Наҳзатиён бо ин амали нангинашон дигарбора собит кардаанд, ки заррае аз ҳуввияту асолати милливу эмони дар вуҷудашон нест.

Умуман, дар тамоми ноороmиҳое, ки дар муддати ин 27-сол дар Ҷумҳурии тозаистиқлоли мо ба амал омада бошад, пайи наҳзатиёни хоинро дидан мумкин аст.

Ин масхарапаймоне, ки ҳамакнун наҳзатиён байни худ бастанд, бори дигар аз оғози анҷоми корашон шаҳодат медиҳанд, мисли шахси дар сакароти ҷон, ки хона равшан мекунад...

Агар ба амалҳои чунин ба ном паймонҳо назар андозем мебинем, ки дар рушди имрӯзаи Тоҷикистон ба ҷуз аз зарар чизе наовардаанд.

Чанде қабл дар ҳошияи нишасти САҲА оид ба андозагирии ҳуқуқи инсон дар Варшава аз ҷониби мафияи наҳзатиҳо боз фитнае ба кор бурда шуд. Онҳо навиштаҷотеро бо номи “озод намудани маҳбусони сиёсӣ” ба собиқ намояндаи худ доданд. Дар ин ҳолат низ онҳо амали “найрангро” ба кор бурданд. Бинобар он, ки намояндаи собиқи онҳо забони хориҷиро чандон хуб намедонад инро ба назар гирифта бо забони хориҷӣ навиштаҷотро ба дасти ӯ доданд. Бо чунин амал онҳо мехостанд намояндаи собиқи худро дар ҳолати ногувор қарор диҳанд. Чунин амал аз ҷониби ба қавли содиркунандаи ин амал, ки дар навор худро “кӯдак” меҳисобад иҷро гардидааст. Мунокишаи бавуҷудомада низ таҳрезигардида буд.

Талаб намудани озод кардани ҷинояткорон ва унвон намудани онҳо ҳамчун “маҳбусони сиёсӣ” як амали хандаовар мебошад. Ҷинояткор шахсе мебошад, ки кирдорҳои вай ба ҷамъият хавфнок дониста, барои ин амал ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардида, аз ҷониби суд гуноҳи вай исбот гардидааст. Агар гуноҳи шахс барои содир намудани ҷиноят исбот гардида бошад, пас вай ҷинояткор аст на маҳбуси сиёсӣ. Худи онҳо инро хуб дарк менамоянд, зеро тӯли солҳо дар мақоми қонунгузор намояндаи ҳизби худро доштанд. Дар раванди қонунэҷодкунӣ иштирок ва овоз додаанд. Акнун бошад қонунҳои қабулнамудаи давлатро ғайридемократӣ унвон менамоянд. Ин ҳолатро метавон бо он маънидод намуд, ки дар интихоботи Парлумонӣ ноком гардиданд. Аммо мағлубиятро бояд “мардонавор” қабул намуд. Ба мисли онҳо дар интихоботи Парлумони дигар ҳизбҳо низ ноком гардиданд, аммо онҳо мағлубияти худро эътироф намуда барномаҳои нави кории худро барои интихоботи минбаъда коркард карда истодаанд.

Амалҳои чунин гурӯҳҳо аз аввал хиёнаткорона буд. Онҳо саравваз номи исломро дар ҳизби худ сӯистифода намуда, бо ин роҳ мардумро, ки муддати зиёд аз ислом ва дин маълумоти зарурӣ надоштанд истифода намуданд. Аммо бо гузашти вакт мардум исломро бо маънои томаш дарк намуд ва аз ин ҳизб даст кашид. Зеро дини ислом ба ягон гуна ҳизб эҳтиёҷ надорад. Ҳатто намояндагони воломақоми онҳо аз кардаи худ пушаймон гардида, иқрор шуданд, ки амалҳои онҳо аз ҷониби хориҷ маблағгузорӣ карда шуда, ҳадафҳои дигарро пайгирӣ менамуд.

Як ҳолат равшанӣ андохтанро талаб менамояд. Аз ҳисоби кадом сарчашмаҳо роҳбарони ин ҳизби террористӣ дар давлатҳои Аврупо зиндагӣ менамоянд. Барои рӯзгузаронӣ сарчашмаи молиявӣ лозим аст. Ҳол он ки дар давлатҳои Европа дар қиёс бо Тоҷикистон зиндагӣ намудан ба маротиб гаронтар аст. То ҷое маълум аст, роҳбарони ҲНИ тӯли зиёда аз 15 сол дар мақоми вакили Парлумон кору фаъолият намудаанд. Қонун ба онҳо ба ҷуз аз фаъолияти илмию эъҷодӣ ва омӯзгорӣ дигар намуди фаъолияти соҳибкориро иҷозат надодааст. Пас маълум мегардад, ки дар рафти фаъолияти кории худ онҳо талаботи қонунро вайрон намудаанд, ё аз ҷониби дигарон барои ноором сохтани вазъ дар Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешаванд.

Чанде қабл дабири анҷумани озодандешони Тоҷикистон аз ҷомеаи байналмилалӣ даъват кард, ки ба амри Президент оид ба ҷавобгарӣ кашидани ҷинояткорон ва дар ҳолати итоат накардан истифода намудани чораҳои қатъӣ баҳои ҳуқуқӣ диҳанд. Бояд гуфт, ки суханони Президенти кишвар зарурат ба баҳои ҳуқуқи доданро аз ҷомеаи ҷаҳонӣ талаб намекунад. Тибқи талаботи қонунгузорӣ Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттаби фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад. Суханони Президент пеш аз ҳама ба хотири ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон нигаронида шуда буд. Пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ яке аз вазифаҳои давлату Ҳукумат ба ҳисоб меравад. Чаро ин гурӯҳҳо аз ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳо додани амалҳои ҷинояткоронаи худро талаб намекунанд. Амалҳои ҷинояткоронаи худро нодидагирӣ менамоянд. Фазои сулҳу субот, ки имрӯз дар тамоми ҳудуди Тоҷикистон танинандоз аст, нишонаи сиёсати дурусти давлату Ҳукумат мебошад. Соли ҷорӣ агрегати якуми нерӯгоҳи обии барқии Роғун ба кор андохта мешавад. Сохтмони ин неърӯгоҳ сохтмони аср унвон гирифта аст. Дар замони соҳибистиқлолӣ мо дастовардҳои зиёд дорем. Имрӯз тамоми минтақаҳои Тоҷикистон дар тамоми фасли сол ба ҳам пайваст буда, рафтуомад ва муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ густариш ёфта истодаанд. Аммо намояндагони чунин наҳзатипаймон дар тӯли 20 сол кореро анҷом надоданд, ки ба манфиати ҷомеа бошад.

Ба қадри ҳамаи дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ бояд расид. Ба ҳар гуна фитнаву ҷангандозиҳо бояд дода нашавем. Албатта мушкилиҳо низ айни ҳол дар Тоҷикистон ҷой доранд. Аммо онҳо бартарафшаванда мебошанд. Аз паси ислоҳи камбудиҳо шудан лозим.

*Ҷамрод БОБОЕВ,*
*коршиноси масоили сиёсӣ-ҳуқуқӣ*

## ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИҲОИ «СОЗАНДАГОНИ ВАТАН» ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



Дар доираи ҳамкориҳои судманди Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо ҳизби «Озарбойҷони нав» ҳайати намояндагони Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан» дар Форуми байналмилалии ҷавонон «Бунёди пул миёни Осиё ва Аврупо», ки дар шаҳри Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон баргузор гардид, иштирок намуданд.

Мавриди зикр аст, ки Озарбойҷон ва Тоҷикистон дар ҳамаи самтҳо ҳамкории қавӣ дошта, дар таъмини амнияти минтақавӣ саҳми шоиста доранд. Иртиботи дӯстонаи миёни роҳбарони кишварҳо барои тақвият бахшидани ҳамкорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамкории қаноти ҷавонони ҲХДТ «Созандагони Ватан» ва Иттифоқи ҷавонони ҳизби «Озарбойҷони нав» дар ин замина шоистаи дастгирӣ буда, рушд бахшидани онҳо ҷиҳати боз намудани уфуқҳои нави фаъолият кӯмак мерасонад.

Дар ҳамин росто, рӯзҳои 13-16 сентябри соли ҷорӣ бо иштироки ҷавонони фаъол ва ташкилотҳои ҷавонони минтақаи Авруосиё Форуми байналмилалии ҷавонон «Бунёди пул миёни Осиё ва Аврупо» бо иштироки намояндагони «Созандагони Ватан», созмонҳои бонуфузи DEMYC, ICAPP, IYDU, EDS, YEPP ва дигарон баргузор шуд.

Боиси хушнудист, ки дар ҷараёни баргузории ин чорабинӣ рӯзи 15 сентябр Меморандуми ҳамкорӣ ва табодули таҷриба аз тарафи раиси Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан» Абдулло Раҳмонзода ва раиси Иттифоқи ҷавонони ҳизби «Озарбойҷони нав» Сеймур Оруджаев ба имзо расид, ки тибқи он ҷонибҳо табодули таҷрибаи пешқадамро дар ҳамаи самтҳо ба роҳ мемонанд.

Мавриди зикр аст, ки ТҶҶ «Созандагони Ватан» узви созмони байналмилалии ҳамкориҳои шабакавии Шоҳроҳи бузурги Абрешим (SIRONET) буда, имрӯзҳо ҷиҳати имзои созишнома бо қаноти ҷавонони ҳизби умумироссиягии «Единая Россия» - «Молодая Гвардия» ва қаноти ҷавонони ҳизби «Жас отан» гуфтугӯ идома дорад.

## САФАРИ ҲАЙАТИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН БА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ БОБАРОР БУД

Дар заминаи ҳамкориҳои сатҳи баланди Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо Ҳизби Коммунистии Хитой аз 12-ум то 22-юми сентябри соли равон ҳайати 20 нафараи намояндагони сохторҳои ҲХДТ таҳти роҳбарии муовини Раиси ҲХДТ Раънохон Бобоҷониён ба Ҷумҳурии халқии Хитой сафар намуданд. Дар ҳайати мазкур аз вилояти Хатлон 4 нафар: Ҳамидиён Орзу – мудири Шӯъбаи таблиғот, иттилоот ва таҳлили Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Шомуродзода Сайидаъзам – сармуҳосиби Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Валиева Саъбагул – раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб ва Шомаҳмадова Ҷумъагул – раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун шомил буданд.



Мувофиқи барнома ҳайати корӣ аз шаҳрҳои Далян, Пекин ва Чунсин дидан намуда, бо ҳаёти ҳизбӣ ва фазои фарҳангиву таърихии ин минтақаҳо аз наздик шинос гардиданд.

Чун ҳадафи асосии сафари мазкур табодули таҷриба ба шумор мерафт, дар ин росто вохӯрӣ ва муколамаҳои сатҳи баланд миёни ҳайати ҲХДТ ва ҲКХ сурат гирифта, вобаста ба марҳилаҳои нави ҳамкориҳои байниҳизбӣ заминаҳои мусоид гузошта шуд.

Дар маҷмӯъ сафари ҳайати ҲХДТ ба Ҷумҳурии халқии Хитой бисёр бобарор анҷом ёфта, иштирокчиён бо як ҷаҳон таассуроту таҷриба ба Ватан баргаштанд.

## ЧОРАБИНИҲО ДАР ДОИРАИ СОЛИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ



Дар деҳаи Ҳаёти нави ҷамоати деҳоти Чубек чорабинии фарҳангӣ-сиёсӣ бо иштироки вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Одинаев Ҳаёт, муовини раиси ноҳия Тағоймуродзода Санифа ва раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Давлат Ғаффорзода баргузор гардид.

Сараввал меҳмонон аз маҳсули дасти ҳунармандони деҳаи Ҳаёти нав дидан намуда, баъдан вакили мардумӣ дар бораи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷамъомадагон суҳбат намуд. Сипас, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Давлат Ғаффорзода дар бораи соли 2018 эълон гардидани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ суханронӣ кард.

Инчунин, Давлат Ғаффорзода ба 4 нафар аъзои фаъоли ҲХДТ Сипосномаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияро дар вазъияти тантнавӣ тақдим намуд.

*н. ҲАМАДОНӢ*

## ОБУНА

***БА НАШРИЯИ «ҲАМРОЗИ ХАЛҚ» БО МАРОМ ИДОМА ДОРАД***

*Нархи обуна бо назардошти ҳаққи хизматрасонии почта 60 сомониро ташкил дода, маблағҳои пардохти обуна ба таври нақдӣ ва ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби зерин интиқол дода меаванд:*

*С/ҳ: 20202972000180000014, РМБ: 350501707, РМА: 280003903,*
*Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар шаҳри Бохтар*

***Нашрияи «Ҳамрози халқ» минбари афкори созанда ва инъикоскунандаи фаъолияти ҳизбиёни вилояти Хатлон мебошад.***

## ҶАҲОН ДАР ЯК ҶУМЛА



► Дар Ҳиндустон бар асари боришоти мавсимӣ ва обхезӣ 8 нафар ҷон бохта, 45 нафари дигар бедарак шудаанд, ки нишондоди ҳалокшудагон бар асари обхезӣ дар ин кишвар аз аввали сол 1000 нафарро ташкил медиҳад;

► Дар вилояти Каписои Ҷумҳурии исломии Афғонистон дар натиҷаи ҳамлаҳои ҳарбӣ-ҳавоии нерӯҳои эътилофи байналмилалӣ 13 нафар сокинони осоишта ба ҳалокат расиданд;

► Ба гузориши Созмони Милали Муттаҳид ҳамасола беш аз 3 миллион мардуми дунё бар асари истеъмоли бардавоми нӯшокиҳои спиртӣ ба ҳалокат мерасанд, ки ин нишондод бештар аз нишондоди марг бар асари ВИЧ/СПИД мебошад;

► Дар Тунис 4 рӯз боз боришот қатъ намегардад, ки ҳолати пешомада боиси обхезии шадид гардида, бар асари он 6 нафар, аз ҷумла 1 кӯдак ба ҳалокат расид;

► Дар шаҳри Отаваи Канада гирдбод ба амал омад, ки бар асари офати табиӣ 30 нафар бо ҷароҳатҳои вазнин ба беморхона интиқол дода шуданд;

► Дар як бинои даҳошёнагии вилояти Саратови Федератсияи Россия сӯхтор сар зад, ки дар натиҷа 1 нафар ба ҳалокат расида, 6 каси дигар маҷруҳ шуданд;

► Дар минтақаҳои наздисоҳилии Нигерия роҳзанҳои баҳрӣ ба як киштии боркаш, ки таҳти парчами Шветсария шино менамуд, ҳамла намуда, 12 маллоҳро рабуданд;

► Дар шаҳри Гуадуаси Колумбия автомобил анбӯҳи одамонро пахш кард, ки дар натиҷа 8 нафар ба ҳалокат расида, 10 тани дигар маҷруҳ шуд;

► Дар Британияи Кабир тӯфон ба амал омад, ки дар натиҷаи вазиши шамоли пуршиддат ва боришот як нафар ба ҳалокат расида, сокинони 65 ҳазор хона аз истифодаи нерӯи барқ маҳрум монданд;

► Дар шаҳри Мейсонтауни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шахси номаълуми мусалаҳ бо таппонча вориди бинои додгоҳ гардида, ба сӯи одамон тир холӣ кард, ки дар пайи воқеа 5 нафар, аз ҷумла як корманди полис ҷароҳат бардошт;

► Дар вилояти Нижегороди Федератсияи Россия ҳавопаймои зарбазани тамғаи «МиГ-31» бо сабаби нуқси техникӣ сукут кард, ки ду сарнишини он мустақилона ҷон ба саломат бурданд;

► Аз рӯи маълумоти охирин, дар ИМА бар асари тӯфони шадиди «Флоренс» 37 кас ба ҳалокат расида, даҳҳо нафари дигар зарар диданд;

► Дар Малайзия аз истеъмоли як навъи машруботи спиртии виски 55 нафар заҳролуд шуда, 21 каси дигар ба ҳалокат расид;

► Дар вилояти Анбори Ироқ зимни амалиёти сохторҳои қудратӣ 15 ҷангии аъзои як гурӯҳи террористӣ маҳв карда шуд.

ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

Муассис:
Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон

Масъули чоп:
Орзу ҲАМИДИЁН

Ҳайати мушовара:
Давлатшоҳ ГУЛМАҲМАДЗОДА,
Махфират ХИДИРЗОДА,
Абдулло РАҲМОНЗОДА

Ҳайати таҳририя:
Зебо БОЗОРОВА,
Аловуддин АМИРЗОДА,
Ҳусейн САИДОВ

Тарроҳ:
Хусрав МАЗОРИЕВ

Дар нашрия ба хотири чандандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон метавонанд мувофиқат накунанд ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад.

Аксу дархост ва номаҳо ба муаллифонашон баргардонида намешаванд. Ба дурустии далелу арқоме, ки дар номаҳои расида ва эълону рекламаҳо истифода шудаанд, муаллифонашон масъулият доранд.

Нашрия таҳти рақами 627 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.



Суроға:
735140, ш. Бохтар,
кӯчаи Айнӣ-47,
тел: 8 (3222) 2-82-92,
2-70-70

Чопхонаи ҶДММ «Шоҳин-С», *теъдод: 11400 нусха*